# ПРОТОКОЛИ №1.1

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 04 марти соли 2025 ш. Душанбе

**Аъзоёни Шуро ҳамагӣ:** 11 нафар

**Иштирок доштанд:** 9 нафар:
Ҷонмамадов Ш.Б. – д.и.и., дотсент
Мирсаидов А.Б. – д.и.и., профессор
Бобозода К.О. – д.и.и.
Каримова М.Т. – д.и.и., дотсент
Рауфӣ А. – д.и.и., профессор
Саидмуродзода Л.Ҳ. - узви вобастаи АМИТ, д.и.и., профессор
Хоналиев Н. – д.и.и.
Раҳимзода Ш. – д.и.и., профессор
Шарифзода Б.М. – д.и.и

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усмонова Т.Ҷ. оид ба шиносоии пешакии диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ баромад намуда, қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Диссертатсия таҳти мушовирии д.и.и., профессор Қодирзода Диловар Баҳриддин омода гардидааст.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ 31 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография ва 17 мақола дар нашрияҳои

тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

Комиссияи ташхис барои ҳимояи диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 -и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тавсия медиҳад.

Шурои диссертатсионӣ баромади аъзоёнро шунида,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 31 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография ва 17 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Пирзода Ҷалил Сафар -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Раҳматзода Рустам** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

5. Санаи ҳимоя 17 июни соли 2025 таъин карда шавад.

6. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи ошкоро дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чоии автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Ализода Омилҷон Маҳмуд ба ӯҳдаи д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ., д.и.и., дотсент Собирзода Н.М. ва д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 9 нафар; зид –нест; бетараф – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О.